# Сухани ифтитоҳии раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Опубликовано 5 ноября, 2021 - 15:21 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Конститутсия - санади тақдирсози миллат

Имрӯз дар кишвар 27-умин солгарди қабули Конститутсияи аввалини давлати

соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад, ки яке аз дастовардҳои бузурги мардуми шарафманди кишварамон ва муҳимтарин рӯйдоди таърихи навини халқи тоҷик мебошад.
Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ 6-уми ноябри соли 1994 бо дастгирию талошҳо ва иродаи устувори халқи тоҷик санади тақдирсоз - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.
Бояд қайд кард, ки қабули Конститутсия бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ дар миқёси давлатҳои пасошуравӣ яке аз таҷрибаи аввалин ба шумор меравад.
Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз комилтарин Конститутсияи ҷахон буда, дар шумораи даҳ Констиутсияи беҳтарини дунё шомил мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1929 то имрӯз, 5 маротиба солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 ва 1994 Конститутсия қабул кардааст. Конститутсияи амалкунанда аз конститутсияҳои гузашта куллан фарқ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал намуда, ба стандартҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.
Аҳамияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки ин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ, ки арзишҳои олии халқи тоҷикро дар худ таҷчассум намуда, суннатҳои таърихии давлатдорӣ ва ғояҳои инсондӯстонаи миллати фарҳангсолори моро инъикос кардааст ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқиро яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ қарор додааст.
Маҳз дар Конститутсияи соли 1994 эъмори Тоҷикистон ҳамчун давлат дар асоси принсипҳои сохибистихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявї ва ягонагӣ муайян гардида, заминаҳои ҳуқуқии бунёдӣ корҳои давлатдорӣ таҳким ёфт.
Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ба стандартҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, аз меъёрҳои Эъломияи ҳуқуқи башар сарчашма гирифтааст.

Зеро дар моддаи якуми боби аввали Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ муаррифӣ карда шудааст.
Инчунин, Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат дар яке аз баромадҳои худ зикр карданд, ки «Конститутсия ба сифати Қонуни Олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор медиҳад».
Масалан, забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ расман эълон гардид ва рамзҳои давлатӣ ҳамчун муқаддасот шинохта шуданд.
Мутобиқи ин талаботи Конститутсия коргузорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сабти асноди шаҳрвандӣ ва дигар муносибатҳои меҳнатӣ бо забони давлатӣ сурат мегиранд.

Ҳамин тариқ, бисту Ҳафт соли амали Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон собит аз он мебошад, ки ин санади тақдирсози миллат, бунёдгузори давлати мо на танҳо ба мардуми Тоҷикистон, балки барои ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аввилиндараҷа буда, ин нукта зарурат ба шарҳ надорад ва итминон дорам, ки барои рушду инкишофи ин сарзамин ва миллати куханбунёд боз садсолаҳо хизмат хоҳад кард.

**Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон**

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

- 

- 

- 

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6787?mini=2025-05

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/1.jpeg [2] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1_0.jpeg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_0.jpeg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_0.jpeg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4.jpeg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5_0.jpeg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/7.jpeg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/8_0.jpeg